ТАСДИҚ МЕКУНАМ

Сергей Ким
Директори генералии
ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА»
«28» Апрели с.2022

## ФИНКА ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди**
**Ташкилоти амонатии қарзӣ**

# ҚОИДАҲОИ
# КЛУБИ БОНУВОНИ FINCA

**Душанбе- 2022**

## Сарсухан

Ин ҳуҷҷат қоидаҳои иштирок дар Барномаи ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» оид ба фарогирии занони - «Клуби бонувони FINCA»-ро муайян намуда, тибқи қ.2 моддаи 469 Кодекси граждании ҶТ Офертаи расмии оммавии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «ФИНКА» (РМА 010021096) мебошад, ки ба занон бо мақсади пешниҳоди имконияти иштирок дар Барномаи ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» оид ба фарогирии занон - «Клуби бонувони FINCA» нигаронида шудааст. Пешниҳоди мазкур дар натиҷаи риояи қоидаҳои иштирок аз ҷониби занон- мизоҷони (мизоҷони эҳтимолӣ) ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» дар Барнома оид ба фарогирии занон - «Клуби бонувони FINCA» (минбаъд Барнома/Клуб) басташуда ҳисобида мешавад. Дар он сурат, агар риояи қоидаҳои иштирок дар Барнома/Клуб коркарди маълумоти шахсиро ба назар гирифта бошад, (аз ҷумла ба тарзи истифодаи барномаҳои алоҳида), занон-мизоҷони (мизоҷи эҳтимолӣ) ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» барои коркарди маълумоти шахсии худ (бо тарзи автоматӣ ва бе истифодаи автоматизатсия) аз ҷониби ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» розигии худро медиҳанд, аз ҷумла, тавассути амалҳои зерин: ҷамъоварӣ, сабт, тасниф кардан, захира кардан, ҳифз/нигоҳдорӣ, саҳеҳкунӣ (навсозӣ, тағйирдиҳӣ), хориҷкунӣ, истифодабарӣ, мусовӣ кардан, ирсол, (паҳнкунӣ, пешниҳод, дастрасӣ), несткунӣ, нобудсозӣ.

# ҚОИДАҲОИ ИШТИРОК ДАР БАРНОМАИ ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» ОИД БА ФАРОГИРИИ ЗАНОН - «КЛУБИ БОНУВОНИ FINCA»

## 1. МУҚАРРАРРОТИ УМУМИИ ИШТИРОК

1.1. Қоидаҳои иштирок дар Барномаи ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» оид ба фарогирии занон - «Клуби бонувони FINCA» барои иҷро аз тарафи шахсони масъул ва иштирокчиёни Барнома\Клуб тавсия карда мешавад.

1.2. Иштирокчии Барнома\Клуб пеш аз истифодаи имкониятҳои Барнома\Клуб, вазифадор аст, ки муқаррароти ин Қоидаҳоро бодиққат омӯзад ва риоя кунад. ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» онро ба асос мегирад, ки иштирокчии Барнома\Клуб шартҳои ин Қоидаҳоро хондааст, онҳо ба ӯ равшан ва комилан фаҳмо мебошанд.

1.3. Иштирокчиёни Барнома\Клуб ба ду категория тақсим мешаванд: **«Стандарт»** ва **«Бонуфуз»**:

1.3.1. **Ба категорияи «Стандарт» он аъзоёни Барнома\Клуб дохил карда мешаванд, ба талаботи зерин мувофиқат мекунанд:**

- занони синну соли аз 18-сола боло;
- муштариёни имконпазири ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА», ки ба меъёрҳо тибқи сиёсатҳои Ташкилот мувофиқат мекунанд;
- иштирок дар 1 чорабинии Барнома \Клуб;
- муштариёни воқеӣ, ки дар чорабиниҳо иштироки фаъол надоранд.

1.3.2. **Ба категорияи «Бонуфуз» он аъзоёни Барнома\Клуб дохил карда мешаванд, ба талаботи зерин мувофиқат мекунанд:**

- занон-муштариёни фаъоли ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА», ки суратҳисобҳои қарзӣ ва амонатӣ доранд;
- иштирокчиёни фаъол дар чорабиниҳои Барнома\Клуб, ҳадди ақал 1 маротиба дар 2 моҳ.

1.4. Низоми кории Барнома\Клуб, инчунин шартҳои истифода аз хизматрасонӣ ва имкониятҳои Барнома\Клуб дар лавҳаҳои иттилоотӣ дар даромадгоҳи идораҳои ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» ва/ё дар сомониаи расмии ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» дар шабакаи Интернет бо истиноди https://finca.tj. ҷойгир карда мешаванд.

1.5. Ҳангоми пешниҳоди дархост барои иштирок дар Барнома\Клуб дархосткунанда ҳамчун номзад ба категорияи «Стандарт» ҳисобида мешавад. Дар сурати иштирок дар 1 чорабинии Барнома\Клуб иштирокчӣ ҳамчун узви Барнома\Клуби категорияи «Стандарт» ба қайд гирифта мешавад.

1.6. Дар сурати идома додани истифода аз хизматрасониҳои молиявӣ, ба мисли амонатҳо, қарзҳо, кортҳои пардохтии бонкӣ ва интиқоли маблағ, иштирокчиёни категирияи «Стандарт» мавридии иштироки фаъолона дар чорабиниҳои Барнома \Клуб, ба категирияи «Бонуфуз» гузаронида мешаванд.

1.7. Ба иштирокчии Барнома\Клуб Корти Клуб дар намуди корти пардохтии бонкии ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» пешниҳод карда мешавад, ки бо худ гирифтани он ҳангоми ташриф ба идораҳои ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» тавсия карда мешавад.

1.8. Ба иштирокчии Барнома\Клуб риояи маслиҳату тавсияҳои шахсони масъули Барнома\Клуб - кормандони ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» тавсия карда мешавад.
1.9. Пешниҳодҳои иштирокчии Барнома\Клуб дар бораи беҳбудӣ бахшидани хизматрасониҳои ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» аз ҷониби корманди масъули ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» ба қайд гирифта шуда, дар мӯҳлати муқарраргардида баррасӣ карда мешаванд.

## 2. ИМКОНИЯТҲОИ АСОСИИ ИШТИРОКЧИЁНИ БАРНОМА\КЛУБ

2.1. Ба ҳамаи иштирокчиёни Барнома\Клуб имкониятҳои зерин пешкаш карда мешаванд:
- иштироки ройгон дар ҳамаи чорабиниҳо дар доираи Барномаи ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» оид ба фарогирии занон - «Клуби бонувони FINCA», аз ҷумла омӯзишҳо, семинарҳо, форумҳо, чорабиниҳои менторингӣ барои таҳкими малакаҳои молиявӣ, пешсафӣ ва соҳибкории занон (мустақиман рӯ ба рӯ ва виртуалӣ);
- таъмин намудан бо маводи таълимӣ, дастурамалҳо ва мавод оид ба мавзӯҳои гуногун, ки барои рушди соҳибкории занон заруранд;
- имконияти муошират ва пайдо намудани шарикони соҳибкор, вохӯрӣ бо намояндагони муваффақи соҳибкорӣ, барқарор намудани робита бо муштариёни

имконпазири соҳибкории худ дар чорабиниҳое, ки дар доираи Барномаи ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» ташкил карда мешаванд;

- имтиёз оид ба хизматрасонӣ дар намуди хизматрасонии бенавбат, ташрифот аз ҷониби мутахассиси ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» барои шиносонидан бо хизматрасониҳо ва қабули дархост барои хизматсронии ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА», шахси тамос дар ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА».
- пешниҳоди дастрасии инфиродӣ ба FINCA Online service бо имкониятҳои иловагӣ вобаста ба анҷомддиҳии интиқоли маблағ ё дигар равандҳои бонкӣ;
- Корти пардохтии бонкии Ко-брендингии ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» бо имконияти истифодаи он ҳамчун корти пардохтии бонкӣ ва ҳам Корти иштирокчии Клуб;
- пешниҳоди суғуртаи дастрас аз ҷониби ҳамкорони ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА»;
- СМС – паёмҳо дар бораи рӯйдодҳо дар доираи Барномаи ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» оид ба фарогирии заонон - «Клуби бонувони FINCA»;
- Меъёри фоизии имтиёзнок аз рӯи маҳсулотҳои муайяни амонатӣ.

2.2. Барои иштирокчиёни категорияи «Бонуфуз»-и Барнома\Клуб пешниҳод карда мешавад:

- имконияти иштирок дар Озмуни ҳарсола;
- тахфиф доир ба маҳсулотҳои муайяни қарзӣ, тибқи тарофаҳои тасдиқшуда ва /ё шартҳои махсус;
- мусоидат дар ҷалби сармоя ва дигар воситаҳои молиявӣ.

Дастрасии меъёрҳои/тарофаҳои ҷорӣ дар идораҳои ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА».

## 3. МУҚАРРАРОТИ НИҲОӢ

3.1. Дар доираи Барномаи ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» оид ба фарогирии занон - «Клуби бонувони FINCA», ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» дорои ҳуқуқи ба таври якҷониба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои мазкур мебошад. Тағйир додан, вориди иловаҳо ба ин Қоидаҳо барои пешниҳод намудани ҷуброн ба узви Барнома/Клуб асос шуда наметавонад.